Tajiki - Занон - Wives Scriptures

Эфсӯсиён 5:22-24 Эй занон, мутеи шавҳарони худ шавед, мисли он ки ба Худованд бошад, 23 Чунки шавҳар сари зан аст, чунон ки Масеҳ сари Калисо ва Наҷотдиҳандаи бадан аст; 24 Аммо, чӣ тавре ки Калисо ба Масеҳ тобеъ аст, ҳамон тавр занон низ бояд аз ҳар ҷиҳат ба шавҳарони худ тобеъ бошанд.

Эфсӯсиён 5:31,33 Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст, ва ҳар ду як тан хоҳанд буд. 33 Пас, бигзор ҳар яке аз шумо зани худро мисли худ дӯст дорад, ва зан аз шавҳари худ битарсад.

1 Қӯринтиён 7:3-5 Бигзор шавҳар вазифаи заношӯиро нисбат ба зани худ ба ҷо оварад; ҳамчунин завҷа нисбат ба шавҳари худ. 4 Завҷа бар ҷисми худ ихтиёрдор нест, балки аз они шавҳар аст; ҳамчунин шавҳар бар ҷисми худ ихтиёрдор нест, балки аз они завҷа аст. 5 Аз якдигар канорагирӣ накунед, магар ба муддате, бо ризогии ҳар ду, то ки ба рӯзаву дуо шуғл кунед ва аз нав якҷоя шавед, то ки шайтон шуморо, ба сабаби худдорӣ карда натавонистанатон, ба васваса наандозад.

1 Қӯринтиён 7:34 Зани бешавҳар дар бораи он чи ба Худованд оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба Худованд писанд афтад, то ки ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ муқаддас бошад; аммо зани шавҳардор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба шавҳараш писанд афтад.

Қӯлассиён 3:18 Эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед, чунон ки дар Худованд муносиб аст.

1 Тимотиюс 2:11-15 Бигзор зан дар хомӯшӣ бо камоли итоат таълим гирад; 12 Ва ба зан иҷозат намедиҳам, ки таълим диҳад ва бар мард ҳукмрон шавад, балки хомӯш бошад. 13 Зеро ки аввал Одам офарида шудааст, ва баъд аз ӯ Ҳавво; 14 Ва Одам фирефта нашудааст, балки зан фиреб хӯрда, ба гуноҳ дучор щудааст; 15 Лекин вай ба воситаи бачазоӣ наҷот хоҳад ёфт, агар дар имон ва муҳаббат ва қудсият бо исмат қоим бошад.

Genesis 3:16 Ба зан гуфт: « Ранҷи туро дар ҳомиладории ту бисъё р афзун мегар-донам; бо дард фарзандон хоҳӣ зоид; ва иштиёки ту ба шавҳарат хоҳад буд, ва ӯ бар ту ҳукмронӣ хоҳад кард».

1 Петрус 3:1-6 ХАМЧӮНИН шумо, эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед, то ки, агар баъзе аз онҳо мутеи калом набошанд, ба воситаи рафтори занон бе калом тобеъ гарданд, 2 Вақте ки рафтори поки худотарсонаи шуморо мушоҳида кунанд. 3 Бигзор зебоии шумо на ороиши зоҳирӣ: гесӯ бофтан, зевари тилло бастан ё либосҳои зебо пӯшидан, 4 Балки одамияти ботинии самимӣ дар рӯҳи ҳалиму сокити бефано бошад, ки ин дар назари Худо гаронбаҳост, 5 ЧуНон ки як вақте занони муқаддас низ худро бо умед бастан ба Худо оро медоданд ва мутеи шавҳарони худ буданд, 6 Ба монанди Соро, ки ба Иброҳим итоат намуда, ӯро оғо меномид; шумо фарзандони вай ҳастед, модоме ки некӣ мекунед ва аз ҳеҷ тарсе музтариб намешавед.

Титус 2:1-5 ВАЛЕКИН ту суханонеро, ки ба таълимоти солим муносиб аст, бигӯ. 2 Ба пирамардон бигу, ки ҳушьёр, ботамкин ва боисмат буда, дар илюн, муҳаббат ва тоқат солим бошанд; 3 Ва пиразанон низ тавре рафтор кунанд, ки ба муқаддасон муносиб бошад, на ғайбаткунанда шаванд, на бандагони мастигарӣ, балки некиро таълим диҳанд, 4 То ба ҷавонзанон ёд диҳанд, ки шавҳарон ва кӯдакони худро дӯст доранд, 5 Боисмат, пок, ғамхори хона, некдил ва мутеъ ба шавҳарон бошанд, мабодо каломи Худо хор дошта шавад.

1 Қӯринтиён 11:5-7,10 Ва ҳар зане ки сари луч дуо гӯяд ё нубувват кунад, сари худро расво мекунац, зеро ин мисли он аст, ки мӯйсараш тарошида шуда бошад; 6 Зеро, агар зан нахоҳад, ки сари худро пӯшонад, бигзор мӯяшро қайчӣ кунад; ва агар зан аз қайчӣ кардан ё тароншдани мӯяш шарм дошта бошад, бигзор сари худро пӯшонад. 7 Хуллас, мард набояд сари худро пӯшонад, чунки ӯ сурат ва ҷалоли Худост; аммо зан ҷалоли мард аст. 10 Бинобар ин зан бояд бар сараш нишонаи ихтиёрро ба хотири фариштагон дошта бошад.

Масалҳо 12:4; 14:1; 19:13; 21:9,19; 25:24; & 27:15,16 - contentious & angry woman

Масалҳо 31:10-31 - The Virtuous Woman

Pastor T. John Franklin
Church of Salvation, Healing, and Deliverance
COS-HAD.org